ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-093-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ ба диссертатсияи Изатов Юсуфбек Миралиевич дар мавзуи «Аморати Бухоро дар осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 -Таърих (6D020303 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ)

Комиссиям экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои таърих, профессор Маликов М.Ҳ., доктори илмҳои таърих Додхудоева ва номзади илмҳои таърих Гадоев Ғ. бо қарори шурои диссертатсионии 6D.KOA-093 -и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ аз 3 ноябри соли 2026 диссертатсияи Изатов Юсуфбек Миралиевичро дар мавзуи «Аморати Бухоро дар осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020303 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) баррасӣ намуда, чунин натиҷагирӣ намуд:

Рисолаи илмии Изатов Юсуфбек Миралиевичро дар мавзуи «Аморати Бухоро дар осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX», ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст, таҳқиқоти мустақилона, мукаммал ва анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи муқарраршуда нисбат ба рисолаҳои илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос пурра ҷавобгӯ мебошад. Мавзуи интихобшуда дар таърихшиносии тоҷик яке аз масъалаҳои мубрам буда, дорои аҳаммияти муҳимми илмӣ ба шумор меравад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки осори боқигузоштаи муаррихон ба сифати маъхазҳои боэътимод дар маърази таҳлили бисёре аз муҳаққиқон қарор ёфтанд. Вале таҳқиқоти таърихнигорие, ки арзиши сарчашмавӣ ва нақши ҳар яке аз ин

муаллифонро дар инъикоси воқеияти замон аз ҷиҳати илмӣ муайян карда тавонад, то кунун рӯйи кор наомадааст, ки ин худ нишондиҳандаи мубрамияти ин масъала ҳисоб меёбад. Вобаста ба ин бояд қайд кард, ки омӯзиш ва баррасии ахбори чунин маълумоти дасти аввал ва таҳқиқи осори муҳаққиқон роҷеъ ба ин масоил метавонад танҳо дар татбиқи усули муқоисавӣ, интиқодӣ, риояи талаботи ҳақиқатнигории таърихӣ бояд сурат гирифта, дар таърихнигорӣ нақши худро пайдо карда тавонад. Аз ин рӯ, мубрамияти инъикоси воқеаҳои аморати Бухоро дар осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX дар таърихнигории муосир то рафт бештар эҳсос мешавад.

Аҳаммияти илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки мавод ва хулосаҳои илмии диссертатсияро метавон дар навиштани асарҳои бунёдӣ оид ба таърихи халқи тоҷик, хусусан зимни таҳқиқи ҳаводиси таърихии нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX, ҳангоми таҳияи курсҳои лексионӣ аз фанни «Таърихи халқи тоҷик» истифода намуд.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он ба соҳаи ихтисоси шурои диссертатсионии 6D.KOA-093-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 -Таърих (6D020303 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) мувофиқ аст. Диссертатсия тибқи талаботи банди 40 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, № 591) мутобиқ буда, дар шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш муҳокима гардида, барои ҳимоя пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба шиносномаи ихтисоси 6D020300 -Таърих (6D020303 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) мутобиқ мебошад.

Таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Миқдор ва сифати мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаи довталаб ба талаботи "Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон", «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва меъёрҳои "Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ" (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, № 591) пурра ҷавобгӯ мебошад.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсиониро дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқот, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, муқоисаи илмию амалӣ, инчунин таҳлили сарчашмаҳои хаттӣ таъмин менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

Хулосаҳо ва натиҷагирии илмии унвонҷӯ асоснок буда, ба талабот оид ба "Тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсияи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" ҷавобгӯ мебошад. Автореферат мазмуну муҳтавои дисертатсияро пурра инъикос менамояд.

Комиссияи экспертӣ мубрамии мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, арзишҳои амалии онро ба назар гирифта, ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Изатов Юсуфбек Миралиевич дар мавзуи «Аморати Бухоро дар осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII-

ибтидои асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 -Таърих (6D020303 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) таҳқиқоти мустақилона анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 -Таърих (6D020303 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Изатов Юсуфбек Миралиевичро дар мавзуи «Аморати Бухоро дар осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 -Таърих (6D020303 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) баррасӣ намуда,

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Изатов Юсуфбек Миралиевич дар мавзуи «Аморати Бухоро дар осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 -Таърих (6D020303 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ - таҳқиқотиашон ба ихтисоси 6D020300 -Таърих (6D020303 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- Мирзозода Тоҷиддин Мирзоалӣ - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

- Назаров Фахриддин Алланазарович - номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи умумии факултети таърих ва ҳуқуқӣ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хисрав тавсия дода мешавад.

4. Розигии хаттии муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар тибқи тартиби муқарраргардида гирифта шаванд.

5. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

6. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (то 50 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои таърих Маликов М.Ҳ.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои таърих Додхудоева Л.Н..

Номзади илмҳои таърих Гадоев Ғ.

“22” 11 2026